Генерал - майор Латифзода Асрор Курбон, 10-уми марти соли 1962 дар шахри Душанбеи Чумхурии Точикистон ба дунё омадааст.  Соли 1984 Донишкадаи хочагии кишлоки Точикистонро бо ихтисоси иктисодчӣ-ташкилотчӣ ба итмом расонида, хатмкардаи Кафедраи харбии Донишгохи мазкур мебошад.



Генерал - майор Латифзода Асрор, дар тули фаъолияти корияш дар вазифахои гуногун, аз чумла корманди хурди илмии Пажухишгохи иктисодиёти хочагии кишлок, мудири шӯъбаи ташкилӣ, котиби дуюм ва якуми Кумитаи комсомоли нохияи Синои (Фрунзе) шахри Душанбе, котиби якуми Кумитаи комсомолии шахри Душанбе, муовин-муовини аввали раиси Шӯрои Марказии иттифоки чавонони Точикистон, мушовири Президенти Чумхурии Точикистон  оид ба масъалаи сиёсати кадрхо, раиси Кумитаи кор бо чавонони назди Хукумати Чумхурии Точикистон, директори КВД «Сайёх»-и Вазорати иктисодиёт ва савдои  Чумхурии Точикистон, муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Чумхурии Точикистон, мудири Шӯъбаи ташкилии Дастгохи ичроияи Президенти Чумхурии Точикистон содикона кор ва фаъолият намудааст.

Мавсуф хатмкардаи Академияи хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия,  бо ихтисоси идоракунии давлатӣ ва махаллӣ мебошад. 26-уми декабри соли 2009 дар Анчумани Хизби Халкии Демократии Точикистон, муовини Раиси Хизби халкии Демократии Точикистон интихоб гардид.

Бо карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 24 ноябри соли 2015 ба вазифаи муовини вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон таъин гардид. Хизматхои шоистаи генерал - майор Латифзода Асрор Курбон бо ордени «Шараф» дарачаи 2 ва бо Ифтихорномахо сарфароз гардидааст.

Аълочии фарханги Чумхурии Точикистон мебошад.